

**04.10.2017 18:00, шахри Душанбе**

Хамватанони азиз!

Хамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, яъне забони шоиронаву шевои точикӣ, ки онро султони суханварони Ачам устод Рӯдакӣ «тараббахши рӯху фарахафзои чон» номидааст, самимона табрик мегӯям.

Забони точикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо бо вучуди мушкилоту монеахои зиёд хамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз хазорсолахои дур то давлати сохибистиклоли точикон омада расидааст ва решахои умри миллатамонро оби хаётбахш додааст.

Бинобар ин, арчгузорӣ ба забони давлатӣ, ки хамчун рукни мухимтарини хастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фархангу маънавиёти халкамон накши барчаста дорад, вазифаи инсониву вичдонии хар як фарди бонангу номус ба хисоб меравад.

Забони давлатӣ, дар хакикат, тачассумгари таърихи пуршебу фарози миллати бостонии точик мебошад.

Махз ба хамин хотир, мо забонро мисли истиклолият, Ватан, presiden фарханг аз чумлаи мукаддасоти миллии худ мешуморем ва онро азизу гиромӣ медорем.

Вокеан, хувияти миллӣ, фарханг ва ойину суннатхои мардуми бостонии мо дар хама давру замонхо тавассути забон хифз мегардад.

Забон, инчунин, воситаи муктадири сарчамъии миллат ва хамаи онхоест, ки дар гӯшахои гуногуни олам хастии ин сарвати бебахоро пос медоранд.

Таърих бисёр мисолхоро медонад, ки дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз байн меравад.

Яъне бакои забон бакои миллат ва фанои забон фанои миллат аст.

Ёдгорихои тамаддуни чандинхазорсолаи ориёӣ махз ба воситаи забони шево ва пургановати точикӣ ва каринахои бостониву ахди миёнаи он то замони мо расида, дастраси оламиён гардидаанд, ки ин хам боиси ифтихори ворисони ин тамаддуни кадима ва хам масъулияти бузурги онхо дар назди гузашта ва имрӯзу оянда мебошад.

Точикон дар миёни халку миллатхои сершумори олам аз чумлаи мардумони сохибтамаддуне мебошанд, ки забони чандинхазорсоларо махфуз доштаанд, шеъри оламгири Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Чалолиддини Балхӣ ва садхо шоирону адибони гузаштаро имрӯз низ озодона мефахманд ва дар гуфтугӯи харрӯзаашон истифода мекунанд.

Забони точикӣ бо дарназардошти собикаи тӯлонии таърихӣ ва захираи бузурги лугавӣ ва дар макоми забони давлатӣ дар асри чахонишавӣ низ метавонад иктидори пешинаи худро хифз намояд.

Аз ин рӯ, ба мухаккикони забоншинос, зиёиён ва умуман, хар шахсе, ки такдири забон барояш азиз мебошад, зарур аст, ки забони точикиро хамчун забони дорои таърих ва осори беназир аз сели вожахои иктибосӣ, ки имрӯз тавассути технологияхои навин ва молу махсулоти хоричӣ ба тамоми забонхо ворид шуда истодаанд, хифз намоянд ва дар поку беолоиш нигох доштану ба наслхои оянда ба мерос гузоштани он сахми ватандӯстонаи худро гузоранд.

Зеро ворид шудани вожахои иктибосӣ боиси махдуд гардидани мухиту майдони истифодаи калимахои худӣ, камранг шудани симои миллии забони давлатии мо ва кохиш ёфтани фасохату балогати он мегардад.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, presi пешрафти илму техника ва технология забон низ бояд рушд кунад. Яъне забони давлатӣ бо хифзи асолат ва чехраи миллии худ бояд хамкадами замони муосир бошад.

Хамзамон бо ин, таъкид менамоям, ки хифз намудану гиромӣ доштани суннатхои ниёгон, аз чумла фарханги миллӣ, ки забон ва либоси миллӣ, инчунин, номгузорӣ ба фарзандон ва эхёи номхои чугрофӣ, ки ойинаи таърихи халку кишварамон ва василаи пайванди имрӯз бо гузашта мебошанд, бояд ба одати харрӯзаи мо табдил ёбад.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи сайкал додани фарханги муошират бо забони давлатӣ, аз хар гуна унсурхои гайри кобили кабул поку бегазанд нигох доштани он, инчунин, дар калбу зехни наврасону чавонон бедор намудани хисси эхтиром ба забони модарӣ аз чумлаи вазифахои мухимтарин ва доимии хар шахси сохибватан мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки мардуми хирадманду фархангдӯсти мо забони модарии хешро хамеша гиромӣ дошта, онро дар баробари дигар мукаддасоти миллӣ, хотираи таърихӣ ва нангу номус хифз мекунанд.

Итминон дорам, ки ин амал чун чузъи мухимтарини зиндагии харрӯзаи афроди миллат дар оянда низ вусъат пайдо хохад кард.

Бори дигар хамаи шумо, хамватанони азизро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба хар фарди Ватан сарбаландиву хонаободӣ ва ба забони ширину шоиронаи точикӣ хамчун забони давлати сохибистиклоли точикон умри човидон орзу менамоям.

prezident.tj